# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ТАРҲҲОИ МАВҶУДАИ ИМТИҲОНҲОИ ДОХИЛШАВӢ ДАР БАЪЗЕ МАМЛАКАТҲО

***Ҷаъфаров Савзалӣ Файзалиевич,*** *муовини якуми директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: sjafarov@ntc.tj*

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нахустин давлатҳоест, ки “Ҳадафҳои рушди ҳазорсола” ва “Таҳсилот барои ҳама”-ро имзо карда буд. Чунонки дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф” [10] омадааст, “Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад”.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 [11], ки дар ҳоли иҷро аст, ба самарабахшии хадамот дар соҳаи маориф, ба дастрасии таҳсилоти босифат барои ҳама нигаронида шудааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008-ум Маркази миллии тестӣ таъсис дода шуд. Дар асоси Консепсияи “Низоми санҷиши тестии миллӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ” (Ҷумҳурии Тоҷикистон) [9] ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии одилонаи донишу маҳорати довталабон аз ҷумлаи вазифаҳои ин муассиса ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ин мебоист тарҳ (модел)-и имтиҳонҳои дохилшавӣ, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои миллӣ мутобиқ бошад, таҳия мешуд.

Дар ин мақола таҳлили муқоисавии тарҳҳои мавҷудаи имтиҳонҳои дохилшавӣ дар баъзе мамлакатҳо оварда мешавад.

Барои интихоби тарҳу низоми имтиҳоноти дохилшавӣ (ИД)-и ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аввал омӯзишу таҳлили таҷрибаи мамлакатҳои дигар, ки дар ин самт муваффақ гаштаанд, зарур буд. Вале низом ва тарҳи ИД яксону қолабӣ набуда, дар ҳар мамлакат вижагиҳои худро дорад. Аз ин рӯ, барои таҳлили муқоисавии низому тарҳҳои ИД меъёрҳои махсус муайян гардидаанд.

Таҳлилу баррасӣ, муқоиса ва баҳисобгирии тарҳу низомҳои ИД дар мамлакатҳои интихобшуда тибқи шарту меъёрҳои махсус ба роҳ монда мешавад.

Шарту маҳак ё меъёрҳо барои муқоиса, асосан, аз инҳо иборатанд:

1. Намуд ё тарҳи имтиҳонҳо.
2. Муассисае, ки имтиҳонҳоро роҳандозӣ мекунад.
3. Сохтор, шакли ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравии муассисае, ки имтиҳонҳоро ба роҳ мемонад.
4. Намуди санҷиш барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимӣ.
5. Мақсади баргузории имтиҳонот.
6. Дараҷаи марказонида шудани имтиҳонҳо.
7. Шакли гузаронидани имтиҳонҳо.
8. Низоми арзёбӣ дар имтиҳонҳо.

Баррасӣ, таҳлили қиёсӣ ва баҳисобгирии меъёрҳои номбурда барои коркарду татбиқи пурсамар ва ҳадафманди тарҳи ИД басо муҳиманд.

Бояд қайд кард, ки барои интихоби ин маҳаку меъёрҳо ҳисобот аз рӯйи лоиҳаи "Таҳлили муқоисавии низоми таъмини имтиҳони ягона дар мамлакатҳои хориҷӣ" хидмат кардааст [8]. Ҳамчунин, баъзе аз ин меъёрҳо тибқи зарурати баррасӣ ва қиёсгузории онҳо коркард шудаанд. Умуман, баррасӣ ва қиёсгузории ҳамаи меъёрҳои интихобшуда барои коркарди ҳадафманди тарҳҳои самарабахши ИД муҳиманд. Ин нуктаро ҳам таъкид кардан зарур аст, ки низоми гузаронидани имтиҳонҳо дар дунё тағйирпазир аст ва ин тағйирёбӣ хеле тез сурат мегирад [8].

Барои таҳлили муқоисавӣ дар ин кор адабиёт, ҳисоботҳо ва манбаъҳо аз интернет истифода шудаанд.

Таҳлили муқоисавӣ аз рӯйи меъёру маҳакҳои муайян гузаронида мешавад. Он бар муайян кардани бахши зарурии мавзӯи таҳқиқшаванда, ки намунабардорӣ (выборка) ном дорад, асос ёфтааст. Намунабардорӣ дар ин ҷо маҷмӯи муайяни меъёру мушаххасоти эҳтимолие аст, ки бояд баррасӣ шаванд. Акнун тарҳи якчанд ИД-ро шарҳ хоҳем дод.

**Тарҳҳои ИД.** Масъалаи ИД ба муассисаҳои таълимӣ аз умдатарин масоили низоми маорифи кишварҳои аксари мамолики ҷаҳон ба шумор меравад. Дар бисёр кишварҳои дунё низоми рушдкардаи интихоби хатмкунандаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо корбурди дастоварду комёбиҳои навтарини санҷишу андозагириҳои педагогӣ дар амаланд. Тарҳҳои имтиҳоноти дохилшавӣ дар мамлакатҳои гуногун бо ҳам умумият ва ҳам тафовут доранд.

Дар бисёр кишварҳои олам, ки кайҳо боз намудҳои гуногуни усулу низомҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро ба кор бурдаанду дар ин ҷода таҷрибаи кофӣ ба даст овардаанд, усулу низомҳои номбурдаро дар санҷишу арзёбии донишу маҳорати хонандагони синфҳои гуногун ва имтиҳоноти хатми муассисаҳои таълимии

таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода карда, баъзан бо ин равиш имтиҳонҳои хатмкуниро бо ИД дар муассисаҳои таълимӣ амалан умумият ҳам медиҳанд, яъне ин ду намуди имтиҳонҳоро якҷоя мегузаронанд. Фарқи асосии байни чунин низоми имтиҳонҳо барои санҷиши донишу маҳорат (Scholastic Aptitude Test) дар он аст, ки довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи балҳои аз тест бадастовардаашон дохил мешаванд. Сабаби ҷорӣ намудани чунин усулу низомҳои имтиҳонот дар ҳар кишвар гуногун аст: дар яке барои пешгирӣ ва аз байн бурдани фасоду ришваситонӣ, дар дигаре бо мақсади санҷиши сифати таҳсилот ва таъмини шаффофияту адолат дар андозагириҳою санҷишҳои педагогист.

Бояд тазаккур дод, ки дар рафти коркарди Имтиҳони давлатии ягона (ИДЯ) дар Русия таҷрибаи ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла кишварҳои Британияи Кабир, Чин, Нидерландия, ИМА ва ғ. дар самти тестгузаронӣ омӯхта шуда буд. Баъди таҳлилу омӯзиши ҷиддӣ муяссар гардид, ки технологияи беҳтарини тестгузаронӣ дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳам мутобиқ ба шароити Русия пешниҳод карда шавад [1].

Дар баъзе аз мамлакатҳо доир кардани имтиҳоноти марказонидаи дохилшавӣ ва тақсимоти донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (МТТОК) тибқи ин низом аз самтҳои афзалиятнок дар қабули довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ба ҳисоб меравад.

Ногуфта намонад, ки сарфи назар аз ҷиҳатҳои мусбати таҷриба дар роҳандозии ИДЯ, дар он ҳалли баъзе аз масъалаҳои мураккаб, ки ба мазмуни имтиҳон ва технология бештар ба мудирият (идора) ва баргузории саросарии он дар сатҳ (миқёс)-и Федератсияи Россия алоқамананданд, зарур буд [1].

Пеш аз он ки ба шарҳи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ гузарем, зарур медонем, ки истилоҳи “имтиҳон”-ро тавзеҳ диҳем.

“Имтиҳон” аз вожаи лотинии “examen” буда, ба маънои аслияш шоҳин, тири тарозу аст ва маҷозан маънои имтиҳон, санҷиш; озмоиш, таҷриба карданро медиҳад ва намуди маъмули арзёбии дониши инсон аст. Хусусияти фарқкунандаи имтиҳон он аст, ки вай тез-тез баргузор намешавад, балки дар байни сессияҳои имтиҳонӣ на камтар аз ду моҳ мегузарад. Имтиҳонҳо ҳар намуд мешаванд: донишгоҳӣ, ҳарбӣ, мактабӣ, бархат (on-line)-имтиҳонҳо ва амсоли инҳо, вале ҳамаи инҳо бо усулу равишҳои муштараки баргузорӣ умумият доранд.

Шаклу намудҳои гуногуни имтиҳонот мавҷуданд. Аз фанҳои назариявӣ ба тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ имтиҳон доир карда мешавад. Аз рӯи ҳадафашон имтиҳонҳо ба мактабӣ ва давлатӣ ҷудо карда мешаванд.

Навъҳои зерини имтиҳонҳои мактабӣ мавҷуданд: дохилшавӣ, гузариш ва хатмкунӣ. Тавассути чунин намуди имтиҳонҳо донишу маҳорати ба муассисаи таълимӣ дохилшавандагон, ба синф ё курси дигар гузарандагон ва хатмкунандагони ин муассисаҳо арзёбӣ карда мешавад.

Имтиҳонҳоро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: имтиҳонҳои хатмкунӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТТМУ), имтиҳоноти дохилшавӣ ва имтиҳоноти тестӣ барои санҷиши қобилиятҳои академӣ. Имтиҳонҳои хатмкунии МТТМУ ва имтиҳонҳои дохилшавӣ, асосан, ба арзёбию санҷиши дастовардҳои таълимӣ ва донишу малакаҳои ҳосилкарда аз рӯи барномаи муайяни таълимӣ ё дар доираи ягон ҳадафу манфиатҳои дигар нигаронида шудааст. Тестҳои санҷиши қобилиятҳои академӣ (Standardized Aptitude Tests – SAT), асосан, барои арзёбию санҷиши қобилияту малакаҳои маърифатию таълимии инсон ба кор бурда мешаванд [2].

5 навъи умдаи қабули донишҷӯён ба МТТОК маъмул аст: дар асоси имтиҳонҳои хатмкунии МТТМУ, имтиҳонҳои дохилшавӣ, тестҳо барои санҷиши қобилиятҳои академӣ, якчанд имтиҳон, бе супоридани имтиҳон.

Тибқи таҳлилҳои низоми мавҷудаи имтиҳонҳо [8, 12], дар мамлакатҳои ҷаҳон 4 гурӯҳи тарҳи имтиҳонҳо маълум аст:

1) як имтиҳон;

2) ду марҳилаи мустақили имтиҳон: имтиҳони хатмкунӣ дар МТТМУ ва дохилшавӣ ба МТТОК;

3) ду марҳилаи мустақили имтиҳонҳо, ки вобаста ба вақт қисмат шудааст: имтиҳони хатмкунии МТТМУ ва дохилшавӣ ба МТТОК;

4) мавҷуд набудани имтиҳонҳои ҳатмӣ.

Хусусияти хоси тарҳи якуми имтиҳонҳо аз он иборат аст, ки хатмкунандагони МТТМУ имтиҳонро ҳам барои хатмкунӣ ва ҳам барои қабул ба МТТОК фақат як бор месупоранд. Натиҷаҳои чунин имтиҳонҳо барои МТТМУ ва барои МТТОК низ истифода мегардад. Дар баъзе аз мамлакатҳо имтиҳон ба таври марказонида дар миқёси тамоми кишвар аз рӯи як маводди тасдиқкардаи Вазорати маориф гузаронида мешавад. Дар мамлакатҳои дигар имтиҳонҳои марказонида танҳо дар минтақаҳои алоҳида доир карда мешавад. Дар бархе аз кишварҳо имтиҳонҳо бо тариқи ғайримарказонида низ баргузор карда мешаванд (маводди имтиҳон дар мактабҳо бо тавсияи Вазорати маориф интихоб ва тасдиқ мегардад). Чунин тарҳ, аз ҷумла дар мамолики зер, роҳандозӣ гардидааст: Австралия, Австрия, Булғористон, Дания, Индонезия, Исландия, Исроил, Италия, Кипр, Колумбия, Қувайт, Литва, Маҷористон, Марокко, Нидерландия, Норвегия, Олмон, Руминия, Тунис, Финляндия, Франсия, Швейсария, Эстония [8].

Тарҳи дувум гузаронидани имтиҳонҳоро дар ду давраи новобаста аз ҳамдигар пешбинӣ менамояд: имтиҳони хатми МТТМУ ва қабулшавӣ ба МТТОК. Ҳамаи хатмкунандагони МТТМУ имтиҳонро дар мактаб месупоранд ва аз рӯйи натиҷаи он шаҳодатномаи хатми мактабро соҳиб мегарданд. Хатмкунандагоне, ки хоҳиши ба МТТОК дохил шудан доранд, имтиҳонҳои дохилшавиро месупоранд. Ин тарҳ, аз ҷумла, дар ИМА, Латвия, Македония, Чехия ва Словакия, Юнон истифода мегардад [12].

Гузаронидани имтиҳонҳо аз рӯйи он ки марказонида ҳастанд ё не, дар мамлакатҳои ҷаҳон бисёр мутафовутанд: дар бархе аз онҳо ин тарҳ марказонида шудаасту дар баъзеашон не.

Тибқи тарҳи сеюм имтиҳон дар ду давраи аз ҳам новобаста ва дар марҳилаҳои гуногун мегузарад: имтиҳони хатмкунӣ дар мактаб ва имтиҳони дохилшавӣ дар МТТОК. Дар асоси натиҷаҳои имтиҳони хатмкунӣ ба хатмкардагони мактаб номаи камол (шаҳодатнома) дода мешавад. Хоҳишмандони ба МТТОК дохилшаванда дар муддати 1 – 3 сол аз рӯи тахассуси донишгоҳи интихобнамудаашон омодагии махсус дида, пасон дар МТТОК имтиҳони дохилшавиро месупоранд. Тарҳи мазкури имтиҳонҳоро дар мамлакатҳое, аз қабили Англия, Гонконг, Зеландияи Нав, Канада, Малайзия, Сингапур ва Эрон ба роҳ мондаанд [12].

Вижагии тарҳи чаҳоруми қабул ба МТТОК набудани имтиҳонҳост. Тавре ки қайд карда шуд, аксари чунин тарҳ ва низомҳо дар дунё ин ё он намуди имтиҳонҳои қабулро ба МТТОК истифода мекунанд. Вале низомҳои муайяне низ ҳастанд, ки ягон хел имтиҳонро талаб наменамоянд ва одатан, ҳангоми интихоби қабулшавандаҳо ба МТТОК ба дастоварду пешрафтҳои онҳо такя мекунанд. Белгия ва Шветсия аз ҷумлаи чунин мамолике ҳастанд, ки дар онҳо зимни қабул ба МТТОК имтиҳони ҳатмӣ талаб карда намешавад. Дар Канада имтиҳонҳои дохилшавии миллии ягона вуҷуд надорад, вале дараҷаи дониши довталабон тибқи қоидаҳои муқарраркарда барои қабули донишҷӯён дар ҳар донишгоҳ арзёбӣ карда мешавад. Маъмулан талаботи ҳадди ақал барои дохилшавӣ ба муассисаи таълимӣ дар сатҳи коллеҷ хатми муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва давомоту омӯзиши хуб аст. Донишгоҳҳои алоҳида натиҷаҳои тестҳои арзёбӣ – SAT I ё II-ро (дар замонҳои гуногун — SAT – Reasoning Test, Scholastic Aptitude Test, Scholastic Assessment Test – тарҷумаи таҳтуллафзӣ «Тести арзёбии академикӣ») талаб мекунанд, ки он ҳамчун тести бамеъёрдароварда, аз ҷумла барои дохил шудан ба коллеҷҳои ИМА ва Канада, зарур аст. Тест барои арзёбии донишҳои довталабон дар соҳаҳои гуногун муқаррар гардидааст. Ба ғайр аз ин, барои дохил шудан ба баъзе аз муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи баъзе ихтисосҳо супоридани имтиҳони соҳавӣ (SAT Subject Test) талаб карда мешавад [4].

Бояд тазаккур дод, ки тарҳ ва низомҳои ИД-и барои бознигарӣ интихобшуда аз мамолике чун Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон ва Туркия низ дорои хусусиятҳои хоси худанд ва дар алоҳидагӣ ҳар яке аз онҳоро чун тарҳи мустақилу махсус пазируфтан мумкин аст.

Низоми ИДЯ-и Федератсияи Русия ба тарҳи якум мансуб аст. Имтиҳони давлатии ягона (ИДЯ) дар ин давлат ба таври марказонида дар МТТМУ ва литсейҳо ҳамчун имтиҳони хатмкунӣ ва ҳамзамон ба сифати имтиҳони қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ хизмат мекунад.

Зимни баргузории ин имтиҳон дар тамоми манотиқи Русия саволу масъалаҳои яксон ва методҳои ягонаи арзёбии корҳои иҷрошуда истифода мешавад. Баъд ба ҳамаи онҳое, ки ИДЯ-ро месупоранд, шаҳодатнома дар бораи натиҷаҳои имтиҳон, ки дар он балҳои бадастоварда аз фанҳо қайд мегардад, дода мешавад. Аз соли 2009 дар Русия ИДЯ шакли ягонаи имтиҳони хатмкунӣ дар МТТМУ ва намуди асосии имтиҳони қабул ба МТТМК ва МТТОК буда, ҳамчунин имконияти такроран супоридани ИДЯ ба довталабон дар соли дигар дода шудааст. ИДЯ аз рӯйи фанҳои адабиёт, биология, география, забони русӣ, забонҳои хориҷӣ (англисӣ, немисӣ, испанӣ, франсавӣ), информатика, математика, таърих, физика, химия, ҷамъиятшиносӣ баргузор мегардад [2, 7].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон низоми низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба тарҳи якум дахл дорад. Тестгузаронии миллии ягона (ТМЯ) низоми баҳодиҳии донишу маҳорати хатмкунандагон дар ин кишвар аст. Натиҷаҳои ТМЯ ҳамчун натиҷаи аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ дар МТТМУ ва дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ чун натиҷаи имтиҳони дохилшавӣ қабул карда мешавад. Аз миқдори балҳои бадастовардаи хонанда дар ТМЯ миқдори баҳоҳои аттестати хатм, ҳамчунин, эҳтимолияти дохилшавии ӯ ба МТТОК-и Қазоқистон вобаста аст. Балҳои бадастоварда аз ТМЯ инчунин, барои соҳиб гаштан ба стипендияи президентии «Болашак» аҳаммият доранд [6].

Низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон ба тарҳи дувум тааллуқ доранд. Тестгузаронии умумиҷумҳуриявӣ дар ин кишвар аз соли 2002 оғоз гардидааст. Тестгузаронии умумиҷумҳуриявиро Маркази арзёбӣ дар соҳаи маориф ва методҳои омӯзиш ба роҳ мемонад, ки он муассисаи ғайридавлатии мустақили тестӣ дар бахши маориф мебошад. Хонандагон метавонанд, ки дар асоси натиҷаи тестгузаронии умумиҷумҳуриявӣ ҷойҳои имтиёзӣ ё буҷавиро дар МТОК-и Қирғизистон соҳиб гарданд. Бо қарори Вазорати маориф ва илми Қирғизистон аз соли 2010 барои ширкат дар озмун ҷиҳати

ишғоли ҳам ҷойҳои бурсиявӣ (грантӣ) ва ҳам шартномавии МТТОК-и ҷумҳурӣ ҳар довталаб бояд ҳатман ҳам санҷиши тестии асосӣ ва ҳам ҳадди ақал аз рӯи яке аз фанҳо санҷиши тестиро гузарад [3].

Низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба МТТОК дар Туркия ба тарҳи дуюм дахл дорад. Имтиҳонҳоро барои интихоб ва тақсимоти довталабон дар ин мамлакат Маркази интихоб ва тақсимоти донишҷӯён мегузаронад.

Дар Гурҷистон низ имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳо бо усули марказонида мегузаранд ва онҳо ба тарҳи дуюм мансубанд. Имтиҳонҳои миллии дохилшавиро дар ин ҷо Маркази миллии имтиҳонҳо, ки тобеи Вазорати маориф ва илм аст, мегузаронад. Балҳои ҳадди ақалли талабшавандаро барои дохилшавӣ ба МТТОК ҳар сол донишгоҳҳои алоҳида муайян мекунанд. Баъди баргузории имтиҳонҳо Маркази миллии имтиҳонҳо рӯйхати довталабони балҳои ҳадди аксар бадастовардаро тибқи камшавии балҳояшон дар ин феҳрист ба донишгоҳҳо мефиристад. Донишгоҳҳо танҳо дар асоси ҳамин рӯйхат донишҷӯёнро қабул менамоянд.

Имтиҳонҳои дохилшавиро дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ба таври марказонида дар миқёси тамоми кишвар Комиссияи давлатии қабули донишҷӯён аз рӯи натиҷаи қабули довталабон ба МТТОК-и (давлатӣ ва хусусӣ) мамлакат баргузор мекунад. Имтиҳонҳои дохилшавӣ дар шакли тестҳои стандартишуда мегузарад. Санҷиш ва коркарди натиҷаҳои тест бо истифодаи технологияи компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ дар ин ҷумҳурӣ низ ба тарҳи дувум мансуб аст [5].

## АДАБИЁТ


1. Болотов В. А. Единый государственный экзамен: на пути к созданию системы независимой оценки качества образования // Высшее образование сегодня. 2004. № 11. – С. 22-25.
2. Болотов В. А. Организационные и методические основы единого государственного экзамена в России // Сб. материалов и тезисов Международной конференции "Развитие национальной системы экзаменов: опыт России, СНГ и США". М., 2003. – С. 9-13.
3. Валькова И. П., Титов К. В. Общереспубликанское тестирование и процесс зачисления в высшие учебные заведения Кыргызской Республики в 2004 году, Бишкек, 2004. – 106 с.
4. Высшее образование в Канаде: начало жизненного пути [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.studycanada.ru/cgi-in/issue.cgi?action=article&ar_id=293 (дата обращения: 29.05.2019).

5. Государственная комиссия по приёму студентов. Азербайджанской Республики // Журн. «Абитуриент» - 2012. – № 2 – С. 2-38.
6. Информационный бюллетень Национального центра тестирования Республики Казахстан, Казахстан, 2009 г. – 23 с.
7. Единый_государственный_экзамен [электронный ресурс]. – Режим доступа: http://ru.wikipedia.org/wiki/ (дата обращения: 29.05.2019).
8. Ковалева Г. С., Аржанова И. В., Карп А. П., Краснянская К. А., Украинский Д. Л., Гущина О. В. Отчет по проекту: «Сопоставительный анализ системы обеспечения единого экзамена в зарубежных странах». Москва, 2001.
9. Консепсияи «Низоми санҷиши тестии миллӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2009 № 9/29 тасдиқ шудааст.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"аз 22-юми июли соли 2013, № 1004.
11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2012, № 334.
12. Феськов Н. С. О моделях и формах проведения экзаменов в странах мира / Н. С. Феськов // Адукацыя і выхаванне. 2006. № 9. С. 42–50.